# Вазъи риояи меъёрҳои забони давлатӣ мавриди омӯзишу таҳлил қарор мегирад

Ношир: Ҳайати тадорукот Санаи интишор: 12 Март, 2019 - 09:52

Дар асоси талаботи банди 20-уми Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъбасти натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2018 ва вазифаҳо барои соли 2019» аз 30-юми январи соли 2019, №39 Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифадор гардидааст, ки риояи қатъии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро дар вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, инчунин корхонаю муассисаҳо ва дигар ташкилотҳо таъмин карда, ҷиҳати пешгирӣ намудани ҳолатҳои риоя нашудани меъёрҳои забони давлатӣ тадбирҳои зарурӣ андешад.

Бо мақсади иҷрои супориши Ҳукумати ҷумҳурӣ Кумита Нақшаи чорабиниҳо таҳия намудааст, ки тибқи он гурӯҳи кормандони масъул дар ҳайати гурӯҳи забоншиносони шинохтаи ҷумҳурӣ ва мутахассисони ботаҷрибаи соҳа саравдал фаъолияти вазоратҳои молия, саноат ва технологияҳои нав, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистонро оид ба иҷрои муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода, хулосаҳои худро манзур менамояд.

Чунин тадбири судманд муттасил дар дигар мақомоти дахлдори кишвар низ амалӣ мегардад.

**Баҳодиҳии муҳтаво:** 5

Баҳои миёна: 5 (2 овоз)

Rate

## Категория:

- Ахбори рӯз [1]
- Огоҳиномаҳои онлайн [2]
- Эълонҳо [3]

**Манбаъ::**https://kumitaizabon.tj/tg/content/vazi-rioyai-meyorkhoi-zaboni-davlati-mavridi-omuzishu-takhlil-karor-megirad?mini=2026-04

**Пайвандҳо**
[1] https://kumitaizabon.tj/tg/category/%D0%B0%D1%85%D0%B1%D0%BE%D1%80%D0%B8-%D1%80%D3%AF%D0%B7 [2] https://kumitaizabon.tj/tg/category/%D0%BE%D0%B3%D0%BE%D2%B3%D0%B8%D0%BD%D0%BE%D0%BC%D0%B0%D2%B3%D0%BE%D0%B8-%D0%BE%D0%BD%D0%BB%D0%B0%D0%B9%D0%BD [3] https://kumitaizabon.tj/tg/category/%D1%8D%D1%8A%D0%BB%D0%BE%D0%BD%D2%B3%D0%BE